# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 дар назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

**Парвандаи аттестатсионии № _____**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 27.12.2025, № 40.3**

Барои сазовор донистани Алиджанова Сурайё Абдушукуровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя 15 сентябри соли 2025 қабул карда шудааст, протоколи № 40.2 шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1), ки бо фармоиши Раиси КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 августи соли 2025, № 289/шд таъсис ёфтааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Алиджанова Сурайё Абдушукуровна санаи таваллуд 14 сентябри соли 1980. Соли 2002 Филиали Хуҷандии донишгоҳи технологии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси таъминоти программавии техникаи ҳисоббарор ва системаҳои автоматӣ ва соли 2010 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси менеҷмент хатм намудааст. Аз соли 2012 дар кафедраи менеҷмент ва аз соли 2014 то айни ҳол дар кафедраи назарияи иқтисодӣ фаъолият мебарад.

Соли 2014 дар шурои диссертатсионии Д. 737.009.01 дар назди ДДҲБСТ рисолаи номзадиро аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ) дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ гардид. Соли 2022 бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябр таҳти №7 унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси «Иқтисодиёт» дода шудааст.

Аз соли 2020 ҳамчун докторанти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ** –доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан.

**Муқарризони расмӣ:**

Раҳимзода Ҳисайн Раҳим, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, и.в.

мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Досиев Маҳмадшоҳ Назарович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Дар хулосаи мусбат додашудаи муассиса, ки аз тарафи раиси ҷаласа – доктори илмҳои иқтисодӣ, сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодӣ Ҷонмамадов Ш.Б., котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи моделсозӣ ва дурнамогирии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ Муминова Ф.М., ташхисгар – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодӣ Саидмуродзода Л.Ҳ. ба имзо расонида, аз ҷониби директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ Бобозода К.О. тасдиқ гардидааст, қайд шудааст, ки кори диссертатсионӣ таҳқиқоти мустақилона ва баанҷомрасида буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯӣ аст, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он Алиджанова Сурайё Абдушукуровна, сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи кори диссертатсионӣ 26 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

**Монографияҳо**

1. Алиджанова, С.А. Иқтидори захираи табиии Тоҷикистон: ҳолат ва самтҳои истифода дар солҳои истиқлолият [Матн] / С.А. Алиджанова // Иқтисодиёти Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият: таърих, хусусият ва дурнамои рушд. Монографияи дастаҷамъонаи олимони ДДҲБСТ. – Хуҷанд: Дабир, 2021. – С.277-301.
2. Алиджанова, С.А. Инкишофи иқтисодиёти “сабз” дар минтақаҳои Тоҷикистон: заминаҳо ва дурнамо [Матн]– Хуҷанд: Дабир. 2024. – 208с.

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА**

3. Алиджанова, С.А. Назарияи иқтисодиёти сабз: ҷиҳатҳои асосӣ ва дурнамои он [Матн] / С.А. Алиджанова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. –Хуҷанд, 2019. - №3 (80), – С.11-17.;
4. Алиджанова, С.А. Иқтисодиёт ва экология: алоқамандӣ ва вобастагии мутақобила [Матн] / С.А. Алиджанова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2020. - № 2(83) – С.5-13;

5. Алиджанова, С.А. Рушди неруи сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Алиджанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иктисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020.- №2, – С.158-162;

6. Алиджанова, С.А. Равандҳои афзалиятноки инкишофи "иктисодиёти сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Алиджанова // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. -№2. – С.161-169;

7. Алиджанова, С.А. Хусусиятҳои инкишофи иқтисодиёти сабз дар хоҷагии ҷаҳон [Матн] / С.А. Алиджанова // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иктисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. - №9, – С.54-63;

8. Алиджанова, С.А. Нақши иқтисодиёти сабз дар консепсияи рушди устувор [Матн] / С.А. Алиджанова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2023. №3. – С. 153-162;

9. Алиджанова, С.А. Ҷанбаҳои методологии алоқаи мутақобилаи иқтисодиёти сабз ва амнияти иқтисодӣ дар доираи таъмини рушди устувор. [Матн] / С.А. Алиджанова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2023. №4(97). – С.55-64;

10. Алиджанова, С.А. Хусусиятҳои тараққиёти иҷтимоӣ - иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистон дар шароити татбиқи ҳадафҳои иқтисодиёти сабз. [Матн] / С.А. Алиджанова, Д.А. Алиджанов // "Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ"-и "МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров". – Хуҷанд, 2023. №4(67). – С. 58-66;

11. Алиджанова, С.А. Унсурҳои институтсионалии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз. [Матн] / С.А. Алиджанова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2024. №1, – С. 81-87;

12. Алиджанова, С.А. Таҷрибаи хориҷии идоракунии партов ҳамчун самти рушди иқтисодиёти сабз дар Тоҷикистон [Матн] / С.А. Алиджанова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2024. № 2(99), – С.71-78;

13. Алиджанова, С.А. Ташаккулёбии шуғли сабз дар шароити инкишофёбии иқтисодиёти сабз. [Матн] / С.А. Алиджанова // Паёми ДДТТ – Душанбе, 2024. №4/2 (55). – С. 228-232;

14. Алиджанова, С.А. Ҷанбаҳои иҷтимоии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз [Матн] / С.А. Алиджанова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, - 2024. №1/4 (128). – С.557-564;

15. Алиджанова, С.А. Вазъ ва дурнамои истифодаи технологияҳои сабз дар соҳаи хоҷагидории коммуналии минтақаҳои Тоҷикистон. [Матн] / С.А. Алиджанова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2025. № 1(102). – С.74-86;

16. Алиджанова, С.А. Такомули нишондиҳандаҳои инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо. [Матн]/ С.А. Алиджанова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, –2025. №1/1 (131). – С.403-411;

17. Алиджанова, С.А. Инкишофи наклиёти сабз ҳамчун самти афзалиятноки модели иқтисодиёти сабз. [Матн]/ С.А. Алиджанова, Ҳ.Ҳ. Ҳошимзода //Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, - 2025. № 2 (103). – С. 142-150.

**Ба автореферат чунин тақризҳо ворид гардиданд:**

**1. Авезов Азизулло Ҳабибович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти ДПДТТ бо эродҳои зерин: 1). Дар ҷадвалҳои 1 ва 2 (с. 20-21) раддабандии маҷмуавии даҳ кишвари пешрафта аз рӯйи самаранокии экологӣ ва иқтисодиёти сабз барои соли 2024 ва раддабандии маҷмуавии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ аз рӯйи самаранокии экологӣ ва иқтисодиёти сабз барои соли 2024 оварда шудаанд. Хуб мешуд чунин раддабандӣ барои минтақаҳои Тоҷикистон дар алоҳидагӣ ҳисоб карда шавад; 2). Дар расми 2 (с. 24) аз тарафи муаллиф тамоюли дигаргуншавии тамаддунҳо дар дунё оварда шудааст. Хуб мешуд агар дар расм мавқеъи иқтисоди сабз ҳамчун падидаи навин инъикос карда мешуд.

**2. Шарифов Зариф Раҳмонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур бо эроди зерин: дар автореферати диссертатсия ба сарчашмаҳои алтернативии тавлиди энергияи сабз ба монанди неруи офтоб, бод ва дигарҳо аҳаммияти кам зоҳир карда шудааст.

**3. Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо эроди зерин: камбудиву костагиҳои номбурда бештар бо таҳрири на он қадар саҳеҳи матни автореферат вобаста буда, дар баъзе китъаҳои матн дониста гирифтани мазмуни марказии он мушкил мегардад.

**4. Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” бо эродҳои зерин: 1). Ҳангоми таҳқиқи шуғли шабз (с. 51-52) беҳтар мешуд оид ба вазъияти ҳозираи бозори меҳнати ба иқтисодиёти сабз мутобиқат мекарда маълумоти дақиқ дода шавад. 2). Ҳангоми ҳисоб намудани коэффитсиенти ҳиссиёти партофти газҳои гулхонаӣ ва дигар моддаҳои зарарнок дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб мешуд сабаби фарқияти ин нишондиҳанда вобаста ба минтақаҳо васеътар шарҳ дода мешуданд, ки сифати илмии хулосаҳои муаллифро боз ҳам мустаҳкам менамуд.

**5. Шокиров Равшан Сиддиқович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқ ва фаъолияти гумрукии МД “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и МД ДБССТ бо эроди зерин: ба манфиати таҳқиқот мешуд, агар муаллиф ташаккул ва рушди кластерҳои “сабз”-ро ва ҷалби ҳаҷми сармоягузориҳоро барои рушди ояндаи иқтисоди “сабз” дар минтақаҳо, боз ҳам чуқуртар мавриди таҳқиқот қарор медод.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок карда шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он мудаллал карда шудааст, ки

Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ оид ба самти илмии дахлдор дастовардҳои назаррас дорад ва қодир аст, мутобиқати муҳтавои диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илм муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

- ***коркард карда шуд:*** муқарраротҳои илмӣ-амалӣ оид ба ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо барои таъмин намудани ҳадафҳои рушди устувор бахри баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ, ҳамзистии оқилонаи инсон ва табиат ва татбиқи ҳамаҷонибаи принсипҳои иқтисодиёти сабз дар шароити муосир;

- ***ақида пешниҳод шудааст,*** ки дар шароити муосир дар иқтисодиёти минтақавӣ иқтидори зарурии ташаккул ва инкишофи иқтисодиёти сабз мавҷуд буда, истифодаи оқилонаи онҳо барои ташаккулёбии равандҳои иқтисодиёти сабз дар доираи таъмини заминаҳои мусоид барои рушди устувори иқтисодиёти минтақавӣ бо дарназардошти манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ ва дигар субъектони хоҷагидорӣ хизмат менамояд;

- ***исбот шудааст,*** ки гузариш ба наклиёти сабзи ҷамъиятӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат аз ҷиҳати экологӣ ва иқтисодӣ афзалияти босамар дошта, дар ин самт густариши ҳамкориҳо бо кишварҳои пешрафта ва таъминот бо сарчашмаҳои энергияи барқароршавандаи ватанӣ зарур арзёбӣ гардида, ҳамчун самти афзалиятноки инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои кишвар баромад мекунад.

- ***ворид намудани*** тағйирот ба мафҳуми таҳқиқот дар асоси низомбандии маънидодкунии иҷтимоӣ-иқтисодии иқтисодиёти сабз амалӣ карда шуд, ки мутобиқи он иқтисодиёти сабз пешбурди хоҷагидориро инъикос карда, аз сабаби зиёдшавии хавфҳои низоми экологӣ баҳри дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани некуаҳволии инсоният равона гашта, навъи босамараи рушди иқтисодиро дар амалигардонии маромҳои рушди босубот ифода менамояд, ки дар ин раванд пастшавии дараҷаи бухрони экологӣ, масрафи босамари захираҳо барои таъмини манфиатҳои ҷамъияти муосир ва наслҳои оянда мавқеи заминавӣ дорад;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- ***исбот намудани*** таркиби иҷтимоӣ-иқтисодии иқтисодиёти сабз муайян карда шудааст, ки он шакли пешбурди хоҷагидориро инъикос карда, аз сабаби зиёдшавии хавфҳои низоми экологӣ бахри дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани некуаҳволии инсоният равона гашта, навъи босамараи рушди иқтисодиро дар амалигардонии маромҳои рушди босубот ифода менамояд, ки дар ин раванд пастшавии дараҷаи бухрони экологӣ, масрафи босамари захираҳо барои таъмини манфиатҳои ҷамъияти муосир ва наслҳои оянда мавқеи заминавӣ дорад;

- ***истифода бурдани*** усулҳои умумиилмӣ ба монанди материализми диалектикӣ, абстраксияи илмӣ ва усулҳои махсуси иқтисодӣ аз зумраи усули сабабӣ-оқибатӣ, ягонагии таърихӣ ва мантиқӣ, принсипи омӯзиши вазъи имрӯза бо инъикоси давраи гузашта бахри оянда, таҳлили муқоисавӣ, усули

гурӯҳбандӣ, таҳлили эмпирикӣ, фарзияи илмӣ, таҳлил ва омезиш, индуксия ва дедуксия, аналоғия баҳри муайян намудани самтҳои татбиқи ҳадафҳои иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон мусоидат намуданд;

- ***баён шудани*** ҳолати фарогирии ҷиҳатҳои иҷтимоиро дар раванди пойдоршавии иқтисодиёти сабз, ки баҳри беҳтар намудани муҳити ҳастӣ тавассути муҳайё намудани шароит барои фаъолият ва даромади сазовор, таъмини бемайлон бо оби нӯшокии босифат ва сарчашмаҳои неруи энергетикии барқароршавандаи сабз, ҷорӣ намудани навовариҳо ва муносибати бораҳмона ба низоми экологӣ, эътирофи ташаббусҳои экологӣ аз ҷониби ҷамъият ва ташаккули иқтисодиёти сабзи инклюзивӣ равона карда шудааст;

- ***ошкор гардидани*** мушкилотҳои бо пойдоршавӣ ва рушди иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон нишон дод, ки дар ин самт бештар истифодаи сарчашмаҳои неруи барқароршаванда, оғози гузариш ба нақлиёти сабз бештар ба назар расида, дар самти коркарди такрории партовҳои маишӣ ва истеҳсолӣ мушкилотҳои зиёд мавҷуданд. Дар минтақаҳои мамлакат ба навъҳо ҷудо намудани партови маишӣ хеле суст ба роҳ монда шудааст, ки барои коркарди такрории он мушкилотҳоро ба миён меорад, инчунин раванди пойдор намудани иқтисодиёти сабз, махсусан дар ҷодаи инкишофи шуғли сабз ҳамчун таркиби асосии ин ҳадаф дар минтақаҳои Тоҷикистон бо нишондиҳандаҳои паст тавсиф карда мешаванд;

- ***омӯхта шудани*** таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон дар самти пойдоршавӣ ва рушди иқтисодиёти сабз ва дар асоси онҳо истифодабарии тарзу усулҳои ташаккулдиҳии иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Алалхусус татбиқи истеҳсолоти кампартов ва коркарди такрории партовҳои маишиву истеҳсолӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон, роҳандозӣ намудани чораҳо барои коҳиш додани ихроҷи газҳои гулхонаӣ ва ғайра;

- ***аз нав такмил додани*** ҷиҳатҳои иҷтимоии иқтисодиёти сабз баҳри беҳтар намудани муҳити ҳастӣ тавассути муҳайё намудани шароит барои фаъолият ва даромади сазовор, таъмини бемайлон бо оби нӯшокии босифат ва сарчашмаҳои неруи энергетикии барқароршавандаи сабз, ҷорӣ намудани навовариҳо ва муносибати бораҳмона ба низоми экологӣ, эътирофи ташаббусҳои экологӣ аз ҷониби ҷамъият ва ташаккули иқтисодиёти сабзи инклюзивӣ асоснок карда шудаанд;

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** ба тариқи зайл тасдиқ карда мешавад:

***- ҷорӣ карда шуданд:*** натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот аз ҷониби Раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар ҷараёни таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барои дар амал татбиқ намудани ғояҳои “Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037” дар вилояти Суғд мавриди истифода қарор гирифтанд (маълумотнома дар бораи татбиқ тахти № 259 аз 22.08.2025). Баъзе муқаррароти илмии кори таҳқиқотӣ дар ҷараёни таълими фанҳои назарияи иқтисодӣ, иқтисодиёти минтақавӣ ва иқтисодиёти корхонаҳо дар

муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омода намудани кадрҳои баландихтисос истифода бурда мешавад (маълумотномаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон №687 аз 22.08.2025, маълумотномаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд №1/3876 аз 21.08.2025).

- ***муайян карда шудаанд***: вобаста ба хусусияҳои тараққиёти минтақаҳои Тоҷикистон самтҳои афзалиятноки ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дақиқ карда шуданд;

- ***офарида шудаанд:*** барои баҳодиҳии дараҷаи фароҳам овардани ҳадафҳои иқтисодиёти сабз дар сатҳи минтақаҳо нишондиҳандаи ҳиссиёти партофти газҳои гулхонаӣ ва дигар моддаҳои зарарнок вобаста ба афзоишёбии ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ коркард карда шудааст;

- ***муаррифӣ карда шуд***, самтҳои асосии ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон, тавассути таҳлили PEST ва SWOT хусусиятҳои ҳар минтақа муқаррар карда шуданд, ки барои баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва ҳамбастагии мутоқобилаи рушди иқтисодиёти минтақавӣ ва экологӣ мусоидат менамоянд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назария*** дар асоси муқаррароти консепсияҳои иқтисодиёти сабз ва иқтисодиёти минтақа, ҳамчунин илмҳои соҳавӣ, ба монанди иқтисодиёти минтақавӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, танзими давлатии иқтисодиёти минтақавӣ, иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ ва дигарҳо ба роҳ монда шудааст;

- ***гояи*** таҳқиқот ба Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраҳои 2030; «Стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи саноатикунонии босуръати кишвар барои солҳои 2020-2025», «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Сугд барои солҳои 2021-2025», «Барномаи тараққиёти нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028», ва дар ниҳоят барои татбиқи «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037», маълумотҳои омори расмӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ***асоснок шудааст;***

- ***муайян шудаанд:*** ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон новобаста ба афзалиятҳои минтақаҳо барои пойдор намудани самти муайяни иқтисодиёти сабз, ҳамгироии минтақавӣ дар асоси инкишофи тақсимоти меҳнати байниминтақавӣ зарур арзёбӣ карда мешавад. Зеро дар алоҳидагӣ минтақаҳои мамлакат дар самти пойдор намудани иқтисодиёти сабз ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштанашон хеле мушкил аст. Аз ин лиҳоз, амалигардонии равиши афзалиятноки ташаккулёбии амсилаи иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти минтақаҳои кишвар, инкишофи ҳамгироии минтақаҳо, пурзӯр намудани ҳамкории судманд ба бахши хусусӣ ва давлатиро дар назар дорад. Маҳз бахши хусусӣ бо дастгирии маъмурии давлатӣ

метавонад барои пойдор намудани самтҳои номбаршудаи афзалиятноки иқтисодиёти сабз мусоидат намояд;

***- истифода шудаанд*** муқаррароти илмӣ, хулосаҳои пешниҳодгардида ва тавсияҳои коркардшуда аз нуқтаи назари консепсияи илмии муосир омода карда шудааст. Инчунин, консепсия ва нуқтаҳои коркардшудаи илмӣ дар диссертатсия бо таҳқиқоти илмию назариявии олимони ватаниву бурунмарзӣ дар чорчӯбаи масъалаҳои таҳқиқкардашуда мутобиқат менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- иштироки бевоситаи довталаб дар интихоби мавзуъ, ҷамъоварии мавод, тартиб додани нақшаи диссертатсия, иҷрои он, коркарди маводи таҳқиқот, баромад ва маърузаҳо дар семинарҳои илмӣ-назариявӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва нашри мақолаҳо;
- аз рӯйи мавзуи кори диссертатсионӣ интишори 26 мақола, аз ҷумла 1 монографияи коллективӣ ва 1 монографияи муаллифӣ ва 15 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар маҷлис аз 27 декабри соли 2025 шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Алиджанова Сурайё Абдушукуровна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар докторони илм. Аз 10 нафар иштирокдорони маҷлис бо ҳуқуқи овоздиҳӣ, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Ризозода Тӯра Раббим**

**Котиби илмии шурои** **Саиджонов Содиқжон**
**диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Шарифжонович**

*27 декабри соли 2025*